**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои маводи фарҳангҳо ва осори илмию адабӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 –Забоншиносӣ (6D021302 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна соли 2016 факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм карда, дорандаи дипломи дараҷаи бакалаврӣ аз рӯйи ихтисоси «филологияи забони англисӣ» мебошад.

Мавзуи диссертатсионии Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои маводи фарҳангҳо ва осори илмию адабӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 26.12.2020 таҳти рақами №5/7.12 тасдиқ шудааст.

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсияи Ҳасанова С.Р. дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва илмӣ-амалии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар шакли маърузаҳои илмӣ гузориш шудаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи рисола дар маҷаллаҳои илмӣ дар шакли 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйид намудааст, ба табъ расидаанд.

Муҳиммияти рисола, пеш аз ҳама, дар набудани пажуҳиши мушаххас, ки ба таҳқиқи луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудаанд, зоҳир мегардад.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ унвонҷӯ вазифаҳои зеринро дар назди хеш гузоштааст:

- - таҳлилу баррасии мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти бофандагӣ;
- таснифоти мавзуии истилоҳоти бофандагии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани сарчашмаҳои ташаккулу такомули истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ
- таҳлилу баррасии хусусиятҳои луғавию маънои истилоҳоти бофандаги дар забонҳои муқоисашаванда;
- муайян намудани нақши роҳу усулҳои калимасозӣ дар ташаккули истилоҳоти бофандагии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ
- ошкор намудани роҳҳои иқтибосшавии истилоҳоти бофандагии иқтибосӣ ба таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда.

Навгонии мавзуи таҳқиқ аз он иборат аст, ки дар рисола бори аввал хусусиятҳои луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагии забонҳои тоҷикиву англисӣ аз нигоҳи муқоиса таҳлилу баррасӣ мегардад. Илова бар ин, дар диссертатсия ҷой доштани қабатҳои луғавӣ, амсоли сермаъноиву ҳамгунӣ ва

муродифоту мутазод дар низоми истилоҳоти бофандагии забонҳои муқоисашаванда муайян шудааст. Дар заминаи таҳқиқи диссертатсия таҳия ва нашри фарҳанги истилоҳоти бофандагии забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ дар назар аст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки пажуҳиши диссертатсионии мазкур дар таҳқиқи масъалаҳои гуногуни мансуби аспектҳои забоншиносӣ, аз қабили савтиёт, сарфу наҳв, луғатшиносиву луғатнигорӣ ва вожашиносӣ. Натиҷаи таҳлилу баррасии мавзуи пажуҳиш дар омӯзиши масоили гуногуни марбут ба шохаҳои забоншиносӣ, аз ҷумла, забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ, луғатшиносӣ, грамматика ва услубшиносӣ метавонад истифода шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки маводи он дар асосии луғату фарҳангҳо ва асарҳои таърихӣ таҳия гардида, дар таълими фанҳои «Амалияи нутқи шифоҳи ва хаттии забони англисӣ», «Луғатшиносӣ», «Луғатнигорӣ», «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Назарияи тарҷума» мусоидат менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқ ҳамчун мутахассис хеле хуб омода гардида, мавзуи диссертатсияро ҳамаҷониба омӯхта таҳқиқ кардааст, аз сарчашмаҳои илми забоншиносӣ пурра воқиф буда, рисоларо дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расонидааст. Диссертатсияи муҳаққиқ сазовори баҳои баланд мебошад ва аз назари техникӣ дар шакли зарурӣ таҳия гардидааст ва ба талаботе, ки нисбат ба навишти рисола пешниҳод карда мешавад, комилан ҷавобгӯй мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна аз вазифаи дар пешаш гузошташуда комилан баромадааст ва диссертатсияеро пешниҳод намудааст, ки ба фикри мо, ҳамчун роҳбари илмӣ, сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 –Забоншиносӣ (6D021302 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илми филология,
профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

Имзои Ҷаматов Самиддин Салоҳиддиновичро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

***Суроғаи муассиса:***
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 121.
Тел.: +992 (37) 224-13-83 E-mail: info@tgpu.tj
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj

30. 03. 2024 с.